# Китоби Муқаддас барои кӯдакон



# Духтарчае ки умри дубора дид


Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society



Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org



©2025 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.




Ёир роҳбари яҳудии динӣ буд. Ӯ Худоро ибодат мекард ва дар бораи Каломи Худо дигаронро таълим медод. Рӯзе ба сари Ёир мусибате омад. Духтари дӯстдоштаи вай ки ҳамагӣ дувоздаҳсола буд, бемор шуд. Чунин метобид, ки касе ба вай ёрӣ дода наметавонад. Ин бемории бад буд. Ёир медонист, ки духтараш дар дами марг аст.



Фақат як одам ба духтари Ёир ёрӣ дода метавонист. Ёир барои ҷустуҷӯйи Исо ва барои ба хонааш овардани Ӯ рафт. Ёир медонист, ки Исо ба дӯстони диндораш писанд набуд. Аммо Ёир парво надошт.



Ба вай лозим буд, ки пеш аз марги духтараш, зуд ба вай кӯмак расонад.

3

Ёир Исоро дар иҳотаи одамон дарёфт.



Ӯ худро пеши пойҳои Исо партофт. “Духтаракам дар дами марг аст. Омада бар вай дастонатро мон, то шифо ёбаду зинда монад” — гуфт марди ноумедшуда.

4



Исо ҳамроҳи Ёир рафт. Аммо онҳо аз сабаби тӯдаи калони одамон тез ҳаракат карда натавонистанд. Зане дувоздаҳ соли дароз бемори сахт буд. Ӯ ба назди тамоми табибон рафта, (тамоми пулашро сарф карда) буд. Аммо сиҳат нашуда буд. Ин зан сахт Исоро дидан мехост.

5



Зан чӣ кор карда метавонист? “Агар ман танҳо ба либосаш даст расонам, сиҳат мешавам” — гуфт зан зери лаб. Сипас оҳиста ба тарафи Исо рафт ва дасташро дароз карда, ба ҷомаи Исо даст расонд.

6



Муъҷиза шуд! Муъҷиза! Зан ҳамон замон, пурра шифо ёфт! Ӯ медонист, ки сиҳат шуда, қувват гирифтааст. Аммо овозе баромад. “Кӣ ба Ман даст расонд?” — пурсид Исо. Мардуми бисёр ба Ӯ даст расонда буданд. Вале зане ки шифо ёфта буд, медонист, ки Исо мехост, худи зан дар ин бора ба Ӯ гӯяд. Зан тарсону ларзон тамоми саргузашти худро ба Исо нақл кард.

7

Ҳамон замон хизматгорон аз хонаи Ёир омаданд. Эҳтимол, рӯйи онҳо, пеш аз он ки гап зананд, аз воқеаи ғамгин дарак медод. ″Духтарат вафот кард!″ гуфтанд онҳо ба Ёир. Мурда! Хеле дер шуда буд. Агар вай зан онҳоро нигоҳ намедошт... шояд... агар... Вай мурдааст! Духтари дӯстдоштаи Ёир дунёро тарк карда буд.



8

Вақте ки Исо инро шунид, ҷавоб дод: ″Натарс, танҳо имон дошта бош, ӯ сиҳат мешавад″. Барои Ёир ба суханони Исо дар ҳақиқат бовар кардан чӣ қадар душвор буд. Духтари вай вафот карда буд.



9

Дар хонаи Ёир ҳама барои духтарча гиря карда, мотам доштанд. Исо ба онҳо гуфт, ки духтар намурдааст, балки хобидааст. Онҳо ба гапи Ӯ хандиданд, зеро медонистанд, ки духтар мурдааст.



10

Исо ҳамаро берун карда, дасти духтарро гирифта гуфт: “Эй духтарак, бархез!” Ёир ва занаш дар он ҷо буданд. Се шогирди Исо низ дар он хона буданд. Ҳамаи онҳо суханони Исоро шуниданд. Оё духтарак ҳам суханони Исоро мешунавад?



11

Духтарчаи мурда фармони Исоро шунид. Рӯҳи вай баргашт ва ӯ зуд аз ҷояш бархест. Исо вайро аз мурдагон зинда карда буд.



12

Падару модари духтарак ҳайрон шуда буданд. Исо ба онҳо гуфт, ки ба фарзандашон хӯрдание диҳанд. Чӣ қадар онҳо хурсанд ва аз Исо миннатдор шуда бошанд. Муҳаббати аҷоиби Исо ва қудрати Ӯ, духтари онҳоро аз марг баргардонда буд.



13

Духтарчае ки умри дубора дид

Ҳикоя аз Каломи Худо

Марқус 5, Луқо 8

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

14



# Хотима

49 60



Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16